АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2014

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН8
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2014

## ШАРҚШИНОСӢ

**УДК: 8тадж. +8; 901.500**

**РАҶАБОВ Ҳ.** [1]

# БОРИ ДИГАР ОИД БА СОЛИ ТАВАЛЛУДИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Аз вафоти Муҳаммад Иқбол (1938) 76 сол гузашта бошад ҳам, роҷеъ ба соли таваллуди шоир ҳанӯзам муҳаққиқон санадҳои гуногунро номбар мекунанд. Ин бо вуҷуди он, ки ҳангоми ҷашнгирии 100 сологии аллома, соли таваллуди ӯро 1877 гуфта, ин масъаларо ҳалшуда меҳисобиданд. Дар мақола дар асоси далелҳои боэътимод, як бори дигар дар соли 1877, 9 ноябр, таваллуд шудани Муҳаммад Иқбол чун далели саҳеҳ пешниҳод шудааст.

**Калидвоаҳо:** Муҳаммад Иқбол, соли таваллуд, Ҷовид Иқбол, Зиндарӯд, муҳаққиқон, таърих, адабиёт, урду, баҳсталаб, хона, гулчин, Покистон.

Барои муайян кардани соли таваллуди маъруфтарин шоири Шарқ Муҳаммад Иқбол дар Ҳинду Покистон ва берун аз ин мамлакатҳо хеле зиёд баҳсҳо шудаанд. Ин баҳсҳо дар ватани шоир ҳанӯз дар вақти дар қайди ҳаёт будани ӯ оғоз ёфта, то имрӯз идома доранд ва на як бору на ду бор тавре анҷом меёбанд, ки гӯё ҳақиқат маълум шудаасту нуқтаи охиронро низ гузоштаанд. Дар Тоҷикистон, барои мисол, метавонем «Ҳаёти Муҳаммад Иқбол» ном боби рисолаи Абдуллоҷон Ғаффоров «Муҳаммад Иқболро»-ро ёдовар шавем [3, 47-48]. Мо ба ин масъала баргаштанро чандон бамавқеъ намедонем, вале имрӯзҳо низ ҳангоми пайдо шудани ягон асари наве, мақолае, ёдоште, суҳбате ва ғайра, ки ба Иқбол бахшида шудаанд, боз мушоҳида мешавад, ки чанде соли таваллуди Муҳаммад Иқболро ғалат ба қалам медиҳанд, баъзеҳо ҳанӯз ҳам «дақиқ нест» мегӯянд ва таъкид мекунанд, ки ин қазия мавриди баҳс қарор дорад. Сари ин масъала бештар ҳамон вақт андешаронӣ ва баҳсҳо афзоиш меёбад, ки дар пеш солгарди адиб бошад. Пеш аз ба нақша гирифтану гузаронидани ҷашни садсолагии Муҳаммад Иқбол, дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта бештари баҳскунандаҳо дар асоси далелҳои худ ба хулосае омада буданд, ки Муҳаммад Иқбол 9 ноябри соли 1877 таваллуд шудааст. Пас, чун тасдиқи ин далел, дар воқеъ, дар моҳи ноябри соли 1977 садсолагии адиб бо шукуҳ дар тамоми дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҷашн гирифта шуд. Худи ҳамин кофӣ буд, ки дигар дар муайян кардани соли таваллуди Муҳаммад Иқбол кӯшишҳо ба харҷ дода нашавад, бояд дигар шубҳае пеш наояд ва ҳама гуна баҳсҳо да атрофии ин масъала хотима ёбанду

[1] **Адрес для корреспонденции:** Раджабов Хабибулло – доктор филологических наук, профессор ТНУ Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Лоика Шерали, дом. 83. Тел. 907963000.

соли 1877 чун соли таваллуди аллома пазируфта шавад. Вале боз, бо гузаштани вақт, чунин ба назар мерасад, ки на ҳамаи иқболшиносон нисбат ба соли таваллуди Иқбол ин масъаларо ҳалшуда меҳисобанд. Вобаста бо ин мо ба чанд андешае, ки дар даҳсолаҳои охир дар рисолаҳои илмӣ андешаи мешаванд, диди хешро гуфтанӣ ҳастем.

Мо, ба истиснои якчанд рисола, дигар ҳар он чӣ то солҳои ҳаштодум бахшида ба Муҳаммад Иқбол нашр шудааст, онро сарфи назар мекунем ва ба маводҳои солҳои навадум ва даҳсолаи аввали асри XX рӯ меорем. Ин ҷо рисолаҳое ҳастанд, ки дар онҳо чун сухан дар бораи Муҳаммад Иқбол меравад, муаллифон бе баҳс, соли таваллуди шоирро 1877 гуфта, бо ҳамин қаноат доранд, яъне масъаларо кайҳо ҳалшуда ҳисоб мекунанд. Аз ҷумла, доктор Зафар Ҳошимӣ ҳамин гуна мавқеъ гирифтааст. Вай дар рисолаи худ «Мизони урду» (Қарочӣ, 1998) дар боби ҷудогона соли таваллуди Иқболро 1877 мегӯяд ва дар охири китоб замимае зери номи «лавҳи синну сол». (Шоирони маъруфи урду) овардааст, ки он ҷо ҳам соли таваллуди Иқбол 1877 аст. Соли 1991 китоби олими маъруфи Покистон доктор Анвар Садид «Таърихи мухтасари адабиёти урду» (Урду адаб ки мухтасар тарих) дар шаҳри Лоҳур аз чоп баромад. Ин асар танҳо дар солҳои навадум се дафъа ва солҳои аввали асри ҷадид ду дафъа аз чоп баромадааст ва яке аз беҳтарин тадқиқот оид ба таърихи адабиёти урду мебошад. Боби ёздаҳуми ин асар «Аҳди Иқбол» (Иқбал ка аҳд) ном дорад. Чун сухан аз Икбол меравад, муаллиф дар як саҳифа ду дафъа аз соли вафоти Иқбол ёдовар мешавад, ки 1938 аст, вале нисбат ба соли таваллуди ӯ чизе намегӯяд. Ин ишора ба он, ки аз назари ӯ соли таваллуди аллома дақиқ нест.

Дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон шумораи иқболшиносон ангуштшумор буд. Пас аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Покистон дар моҳи июни соли 1992, дар андак вақт шумораи ин гуна муҳаққиқон хеле зиёд шуд. Бо дастгирии сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон Анҷумани Иқбол ташкил ёфт. Ин Анҷуман соли 1996 китобчаеро бо номи «Гулчини назми Покистон» аз чоп баровард. Дар он намунаи ашъори 26 шоири покистонӣ оварда шудааст, ки бо шарҳи ҳолу намунаи ашъори Муҳаммад Иқбол шуруъ мешавад. Ин иқдоми хеле хуб буд. Мутаассифона, дар ин ҷо дар шарҳи ҳоли адиб ҳам соли таваллуд чун 1875 ва ҳам соли вафоти Иқбол чун 1937 ғалат дода шудааст [2, 8].

Соли 1998 асари доктор Абулайс Сидиқӣ «Тарихи забон ва адабиёти урду» аз чоп баромад, ки баъдтар боз такроран рӯи чопро дидааст. Ин асари бузургҳаҷм иборат аз 1252 саҳифа, бисёр маълумотҳои муфассалу муфидро дар бар мегирад. Муаллиф ба бисёр масъалаҳои баҳсталаб дахолат карда нисбат ба онҳо ниҳоят боҷуръатона ва боварибахш андешаронӣ намудааст. Бобҳои зерин шоҳиди ин андешаанд: «Лаҳҷа ё забон» (Боллӣ яа забан), «Забони урду ва масъалаҳои сохтори ӯ» (Урду забан аур ус кӣ сахт ка масала), «Аз санскрит то урду» (Санскрит се урду так), «Аз пракрит то урду» (Пракрит се урду так), «Номҳои мухталифи урду» (Урду ке мухталиф нам), «Урдуи қадим ва урдуи ҷадид» (Урдуи қадим аур урдуе ҷадид), «Аввалин намунаҳои ҳиндавӣ, ҳиндӣ ё урдуи қадим» (Ҳиндавӣ, ҳиндӣ, йа урдуе қадим ке ибтидаӣ намуне) ва мисли инҳо. Дар боби «Аллома Иқбол» омадааст»: «Дар бораи Иқбол хеле зиёд навиштаанд ва навишта истодаанд. Ҳамаи онро дар як боб шарҳ додан ҳеҷ имкон надорад. ***Масалан, то имрӯз соли таваллуди ӯ баҳсталаб аст».***

Овардани ин иқтибосро дар шакли асл зарур мешуморем: (*Иқбал ке баре мен ҷис қадар ликҳа гаяа ҳе аур ликҳа ҷа раҳа ҳе. Ус ка иҳата киси эк баб мен мумкин наҳин.* ***Масалан, аб так ун ки таърихи виладат мутаназаъ ҳе*** [1, 726]. Ҳамин тариқ, тавре мебинем, муаллиф нисбат ба он, ки дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта рӯзу моҳу соли таваллуди Муҳаммад Иқболро 9 ноябри соли 1877 гуфтаанд, шубҳа дорад, вале барои рад кардан низ далел намеорад.

Дар аввалин даҳсолаи асри ҷадид асари доктор Салим Ахтар «Таърихи мухтасартарини адабиёти урду» (Урду кӣ мухтасартарин тарих) гаштаю баргашта ҳашт дафъа нашр шудааст, ки ин худ аз аҳамият ва эътибори ин асари илмӣ шаҳодат медиҳад. Ин асар, мисле ки дар муқова зикр шудааст, таърихи адабиёти урдуро аз оғоз то соли 2000 дар бар мегирад ва роҷеъ ба муҳимтарин марҳилаҳои инкишофи адабиёти урду маълумот медиҳад. Малумотҳои дақиқро оид ба маъруфтарин адибони урдузабон, ҳаракати адибони тараққипарвар ва навъҳои адабӣ низ ин ҷо пайдо кардан мумкин аст. Он чӣ нисбат ба ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол ба назар мерасад, нисбат ба ягон адиби дигар ҷой надорад, яъне ин ҷо мо шаҷараи насаби Иқболро мебинем. Дар поёни шаҷара чунин эзоҳ дода шудааст, ки солҳои дақиқ ва ҳақиқат буданашон исбот нашудаанд, яъне баҳсталабанд, дар шаҷара оварда нашудаанд. Дар шаҷараи насаб он чӣ зиёдтар дуруст ҳисобида мешавад, ҳамон дода шудааст, ки мутобиқи он Муҳаммад Иқбол 9 ноябри соли 1877 таваллуд шуда, 21 апрели соли 1938 вафот кардааст [9, 423]. Яъне он саннаҳое, ки ҳоло бештар ҳамчун санаҳои дақиқ ба назар мерасанд, лекин муаллифи асар то овардани ин далел баҳсталаб будани соли таваллуди адибро хотиррасон мекунад: «Номи падар Шайх Нур Муҳаммад ва номи модар Имомбӣ буд. Иқбол дар Сиёлкут таваллуд шудааст. Таърихи таваллуди шоир ***баҳсталаб*** аст. Миёни муҳақиқону иқболшиносони варзида то имрӯз нисбат ба таърихи таваллуди шоир якрангии ақида дида намешавад [9, 422]. Доктор Сайид Муҳаммад Акрам, устоди бахши форсии Донишгоҳи Панҷоб, дар асари худ «Иқбол дар роҳи Мавлавӣ», шарҳи ҳоли Муҳаммад Иқболро дода, аввал дар таърихи 9 ноябри соли 1877, баробар ба 3-юми зилқаъдаи соли 1294 таваллуд шудани адибро навишта, пас чунин эзоҳ медиҳад: «Дар бораи соли таваллуди Иқбол ихтилофоте вуҷуд дорад, бо ин шарҳ, ки баъзе аз нависандагон соли таваллуди ӯро 1873 навиштаанд ва иддае 1875 ва баъзеҳо 1876 зикр кардаанд. Рӯи катибаи мазори Иқбол соли таваллуд 1292 (ҳиҷрӣ) баробар ба 1875 ҳак шудааст» [8, 2-3] Китоби доктор Сайид Муҳаммад Акрам соли 1982, яъне пас аз панҷ соли ҷашни 100 солагии Иқбол иншо шудааст. Муаллиф, ки худ ҳамчун зодаи ватани Иқбол аст, бевосита ба бисёр сарчашмаҳои илмӣ ва дигар маводҳои ба таърихи адабиёти форсизабону урдузабон дахл дошта хуб ошност, метавонист ба ҷашни садсолагии Иқбол такя намуда қатъӣ тарафдори соли 1877 шавад, онгоҳ шарҳу эзоҳи иловагиро зарурат набуд, лекин маълум мешавад, ки вай ҳам баҳсталаб будани соли таваллуди алломаро ҷонибдор аст.

Боз як далели дигарро маҳз, дар ҳамин ҷо овардан аз назари мо хеле ҷолиб менамояд. Муҳаммад Суҳайл Умар чандин солҳост, ки дар Покистон директори Академияи Иқбол мебошад. Корҳое, ки ин марди шариф бахшида ба Муҳаммад Иқбол кардааст, агар қаҳрамонист гӯем ҳам хато намекунем. Вай китобхонаи Академияи Иқболро дар шаҳри Лоҳур бо адабиёти нодирончунон мукамал кардааст, ки бе мисл аст. Қариб ҳамаи асарҳои ҷудогона ва мақолаҳои ба забонҳои гуногун нисбат ба Муҳаммад Иқбол иншо шударо аз

тамоми дунё ин ҷо ҷамъоварӣ намудааст. Ҳамаи мероси адабии Муҳаммад Иқбол аз нашрҳои нахустин то нашрҳои имрӯза дар ин китобхона маҳфуз аст. Худи ҷаноби Суҳайл барои нашри асрҳои Иқбол саҳми бузурге дорад. Маҳз ҷаноби Суҳайл гузаронидани чандин конференсияҳои илмии байналмилалиро ба ухда гирифта онҳоро дар сатҳи баланд доир намудааст. Соли 1955 бори аввал асарҳои Муҳаммад Иқбол «Бонги даро», «Боли Ҷабраил», «Зарби Калим», «Армуғони Ҳиҷоз» ва «Паёми Машриқ» ба забони англисӣ тарҷума ва зери унвони «Ашъори Иқбол» (Poems From Iqbal) чоп шуда буд. Ҳамин асар солҳои 1999 ва 2003 боз зери назар шуда чоп шудааст. Нашири асар махз ҳамин Муҳаммад Суҳайл Умар мебошад. Муҳаммад Суҳайл Умар боз ба ин асар пешлафзе бо номи «Ёддоште ба ин нашр» (Note to this Edition) дебочае навиштааст. Чун ин ёддошт тамом мешавад, дар саҳифаи рӯ ба рӯ, ки пешлафз ном дораду муаллифаш маълум нест, дар аввалин ҷумлаҳо омадааст: «Муҳаммад Иқбол, шоири Шарқ тавре зистааст, ки агар ба зоҳири зиндагии ӯ нигоҳ кунӣ, кам ягон чиз гуфтан мумкин аст ва агар ба ботини он нигарӣ чизи маълум ниҳоят кам аст. Вай соли **1873** дар Сиёлкоти Панҷоб дар оилаи шахси диндор аз табақаи миёнаи мардум таваллуд шудааст» [7, XI]. Саволе пайдо мешавад, ки чаро Муҳаммад Суҳайл Умар ба ин сана, ки дар ҷои намоён зикр шудааст, эътибор надодааст ва агар эътибор дода бошад, пас маълум мешавад, ки ё ин санаро дуруст мешуморад ва ё бо сабаби баҳсталаб буданаш эътибор доданро бемантиқ ҳисоб карда ислоҳе намедарорад.

Яке аз муҳқиқони зиндагиномаи Муҳаммад Иқбол Холид Назири Сӯфӣ соли 1971 ҷилди аввали «Иқбол даруни хона» ном китоберо аз чоп баровард, ки баъдтар боз ду дафъаи дигар дар солҳои 1983 ва 2008 чоп шудааст. Муаллиф дар нашри сеюм ишора кардааст, ки рисола аз нав дида шуд ва иловаҳо ворид гардиданд. Муаллиф дар ҳамин нашри сеюм навиштааст: «**29 декабри соли ҳазору ҳаштсаду ҳафтоду се,** рӯзи душанбе дар шаҳри Сиёлкут дар вақти субҳи содиқ, дар як ҳуҷраи нимравшану нимсохтаи як ҳавлии хеле хурд, дар оилаи як шахси соҳибэҳтироми миёнаҳоли суфиманиши кашмирӣ Шайх Нурмуҳаммад як руҳи азиме ба дунё омад, ки дар равшании хираю базӯр милт-милт мекардагӣ чашмонашро кушод. Навтаваллудшударо хаду хол ниҳоят зебо ва чеҳра сурхаку сафедак буд. Ҳамин тариқ, чунин эҳсос мешуд, ки гӯё моҳтобе баромада бошад, лекин он вақт кӣ хабар дошт, ки ситораи қисмати ин бача дар осмони шуҳрат бо ин қадар тобнокӣ ҷило хоҳад дод, ки Машриқу Мағрибро бо зиёпошиҳои худ пурнур хоҳад кард ва қалбу назари замонаро мунавар карда, барои инсоният ба ҳайси манори нур хизмат хоҳад кард». [8, 19]. (***Унтис дисамбар атҳарах сау тиҳаттар, исви*, ба рози сомвар, субҳе садиқ ке вақт, Сиёлкут ке эк моаззаз мутавассит кашмири гҳаране ке суфи маниш бузург Шайх Нурмуҳаммад саҳабке чҳоте се гҳар ки напухта аур нимрошан котҳрӣ мен эк азим руҳ не дие, ки тиматиматӣ аур маддҳамсӣ рошанӣ мен анкҳен кҳолен. Навмавлуд ке хаду хал баҳут пяре аур ранг сурху сапед тҳа. Юун маҳсус ҳува ҷайсе чанд никал ая, лекин ус вақт киссе хабар тҳӣ, ки ис бачче ки қисмат ка ситара эк дин асмани шуҳрат пар ис табнаки се чамакега ки Машриқу Мағриб ко апни зияпашиён се ҷагмага дега аур замане ке қалбу назар ко муннавар кар ке инсаният ке лие минари нур ки ҳайсият ихтияр кар лега).** Ҳадаф аз овардани ин иқтибос боз ба забони асл ин аст, ки ҳангоми ҳарфчинӣ иштибоҳе рафтааст гуфта гумон накунем, зеро соли 1873 на ба рақамҳо, балки бо ҳарфҳо «***Унтис дисамбар атҳарах сау тиҳаттар»,*** яъне «Бисту нуҳуми декабри соли як ҳазору ҳаштсаду ҳафтоду се» навишта

шудааст. Тавре мебинем, ин суханони шахсе мебошад, ки бо мақсади китобе бахшида ба Муҳаммад Иқбол навиштан, бо хонаводаи шоир аз наздик шинос шуда он ҷо рафту омад доштаст. Ва, албатта, хело ҳам зиёд маводи муфидро ба даст даровардааст. Дар чунин ҳолат, вай набояд дар дақиқ муайян кардани соли таваллуди адиб, ба хатогие роҳ диҳад. Пас саволе пайдо мешавад, ки вай дар соли 1877 таваллуд шудани Муҳаммад Иқболро саҳеҳ намешуморад, ҳарчанд роҷеъ ба ин сана назари хешро иброз накардааст. Пас аз нашри дуюми ҷилди аввали китоби «Иқбол даруни хона» соли 2003 ҷилди дуюми он аз чоп баромад, ки дар аввалин саҳифаҳояш ду дафъа зери унвонҳои «Шаҷараи насаби хонадони Иқбол» ва «Шаҷараи хонадони Иқбол аз Шайх Нурмуҳаммад то ҳол» дода шудааст, вале он ҷо ба ғайр аз додани номҳо ягон нафарро соли таваллуд дарҷ нашудааст.

Фарзанди Муҳаммад Иқбол Ҷовид Иқбол вақте ки худ кӯшиш мекунад соли таваллуди падарашро дақиқ муайян кунад, ба мушкилиҳо гирифтор шудааст. Вай дар боби сеюми китоби худ «Зиндаруд», ки «Масъалаи таърихи таваллуд» ном дорад, зикр мекунад, ки дар китобҳо ва мақолаҳои ҷудогона, ки ба Муҳаммад Иқбол бахшида шудаанд соли таваллуди шоирро 1870, 1872, 1873, 1875, 1876 ва 1877 нишон додаанд.

Аввалин дафъа худи Иқбол соли 1907, ҳангоми дар Аврупо ба навиштани рисолаи докторӣ машғул буданаш чунин навиштааст: «Ман дар севуми зилқаъдаи 1294 ҳиҷрӣ (1876 милодӣ) дар Сиёлкути Панҷоб (Ҳиндустон) таваллуд шудаам» [11, 51]. Бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла Ҷовид Иқбол ҳамин навиштаи Муҳаммад Иқболро нисбат ба соли таваллуди ӯ ба асос гирифта, дар соли 1294 (ҳиҷрӣ) таваллуд шудани шоиррро пурра дуруст мешуморанд, фақат нисбат ба соли масеҳӣ шубҳа доранд ва онро иштибоҳ мешуморанд, ки шояд Иқбол ҳангоми аз солшумории ҳиҷрӣ ба солшумории масеҳӣ баргардондан каме беэтиборӣ карда бошад. Доктор Ваҳид Қурайшӣ зикр кардааст, ки Иқбол дар мактубҳояш ниҳоят кам солшумории масеҳиро менавишт [4, 18]. Ҷовид Иқбол ҳам нисбат ба соли масеҳи камэътибор будани падарашро таъкид намудааст ва дар охири боби сеюми «Зиндаруд»: «Масъалаи таърихи таваллуд» бисёр далелҳоро бо ҳам муқоиса намуда, чуниги хулоса кардааст: «Дар партави ин шавоҳид ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки таърихи таваллуди Иқбол 3 зилқаъдаи 1294 (ҳ) мебошад, ки ба 9 ноябри соли 1977 баробар меояд» [11, 71]. Дар ҷилди аввали «Хумхонаи Ҷовид», ки онро Лал Шри Рам тартиб додаст, соли таваллуди Иқбол чун 1870 муайян карда шудааст. Дар пешгуфтори «Куллиёти Иқбол», ки бо кӯшиши Муҳаммад Абдураззоқ соли 1922 ба табъ расида буд, соли таваллуди аллома чун 1875 ба назар мерасад. Рам Бабу Саксена дар китоби «Тарихи адабиёти урду», Чаудҳри Ғулом Сарвар Фигор дар рисолаи «Ёди Иқбол», Муҳаммад Ҳусайн дар мақолаҳояш ва чанде дигарон соли таваллуди шоирро 1875 зикр кардаанд. Як гуруҳ муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Мулк Раҷ Ананд, Шайх Акбар Алӣ ва шарқшиноси олмонӣ Ҳелмут фон Глазенап (Helmut von Glasenapp) соли таваллуди алломаро 1876 гуфтаанд. Соли 1876-ро инчунин дар «Таърихи мухтассари урду» (Сайид Эъҷоз Ҳусайн), «Тазкираи шуарои Панҷоб» (Насим Ризвонӣ), «Иқболи комил» (Абдулсалом Надвӣ), «Гулистони ҳазор ранг» (Сайид Баҳодин Аҳмад) ва ғайра дидан мумкин аст. Ҳангоми ёдбуди Иқбол пас аз 20 соли фавти шоир дар соли 1958 почтаи Покистон маркаҳоеро чоп мекунад, ки он ҷо соли таваллуди адиб 1873 навишта шудааст. Ҳайратовар ин аст, ки ҳамин почтаи Покистон баъди нуҳ соли дигар, яъне соли 1967 боз

бахшида ба Иқбол маркаҳо чоп намуда, санаи таваллуди шоирро акнун на 1873, балки 1877 нишон медиҳад. Пас маълум мешавад, ки нисбат ба соли 1873 шубҳа пайдо шудааст. Ҷовид Иқбол ин навиштаҳо ва навиштаҳои чандин муҳаққиқони дигарро ёдовар шуда, ба чунин хулоса омадааст, ки ҳар кадоме аз муҳақиқон ягон ҳуҷҷатеро аз назари худ боэътимод пазируфта, онро ба асос гирифтаанд ва соли таваллуди Муҳаммад Иқболро 1870, 1872, 1873, 1875, 1876 ва 1877 мегӯянд, ё тахмин мекунанд. Пас нисбат ба се сана, яъне солҳои 1873 (22 феврал), 1873 (29 декабр) ва 1877 (9 ноябр), ки бештар ба назар мерасанд назари худро мегӯяд.

Чунин ақида аст, ки дар хонаводаи Шайх Нурмуҳаммад пеш аз таваллуди Иқбол боз як писаре таваллуд шуда будааст, ки ҳанӯз дар замони ширхӯриаш вафот кардааст. Яъне санаи 22 феврали соли 1873 ба ҳамин кӯдак тааллуқ дорад, на ба Иқбол. 29 декабри соли 1873 низ дар натиҷаи рӯ ба рӯ гузоштани баъзе далелҳо, аз ҷониби Ҷовид Иқбол дастгирӣ наёфтааст, Ва ниҳоят, мисле ки болотар ишора шуд, Ҷовид Иқбол боз дигар далелҳо оварда, 9 ноябри соли 1877-ро нисбат ба таваллуди падараш воқеӣ медонад.

Мо, мисле ки дар оғоз хотиррасон кардем, баъзе саҳлкориҳоро аз ҷониби чанде аз муҳаққиқон нисбат ба соли таваллуди Муҳаммад Иқбол дида, зарур донистем, ки ба ин масъала баргардем ва ба хотири ин азм бештар аз 50 сарчашмаҳоро, ки муаллифҳояшон бо ягон навъе ба соли таваллуди Иқбол таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, аз назар гузарондем ва ба хулосае омадем, ки саҳеҳтарин далел нисбат ба соли таваллуди Муҳаммад Иқбол ин гуфтаҳои худи ӯст, ки ба соли 1907 тааллуқ дорад. Мутобиқи талаботи Донишгоҳи шаҳри Мюнхен Иқбол тарҷумаи ҳоли худро навишта ҳамроҳи рисолаи докториаш ба он ҷо фиристодааст. Тарҷумаи ҳол, тавре ки болотар ишора кардем, ин тавр шуруъ шудааст: «Ман дар севуми зилқаъдаи 1294 ҳиҷрӣ (1876 милодӣ) дар Сиёлкути Панҷоб (Ҳиндустон) таваллуд шудаам». Ин ҷо ҳангоми баргардонидани соли ҳиҷрӣ ба соли милодӣ иштибоҳ шудааст. Дар асл ҳангоми соли 1294-и ҳиҷриро ба адади 33 тақсим намудан, натиҷа наздик ба адади 39 баробар аст. Вақте ки адади 39-ро аз соли 1294 кам мекунем, 1255 ҳосил мешавад. Чун 1255-ро бо адади 622 ҷамъ мекунем, онгоҳ соли 1877 мебарояд. Ҳамин тариқ, 9 ноябри соли 1877-ро ҳосил мекунем ва бояд ҳангоми баёни андешаҳои худ оид ба соли таваллуди Муҳаммад Иқбол маҳз ҳамин санаро чун далели исботшуда истифода барем.

**Адабиёт**


1. Абулайс Сидиқӣ . Таърихи забон ва адабиёти урду. Қарочӣ .- 1998, 1252 с.
2. Гулчини назми Покистон. Душанбе, 1996.- 64 с.
3. Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол. Душанбе, 1977, 224 с.
4. Зафар Ҳошимӣ . Мизони урду. Қарочӣ, 1998.- 712 с.
5. Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ . Бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ ва Шарафнисо Пӯлодова. Душанбе, 2013.- 634 с.
6. «Нуқуши Иқбол», декабри 1977 .
7. Poems From Iqbal/ (Renderings in English Verse with Comparative Urdu Text). Lahore, 2003, 304 с.
8. Сайид Муҳаммад Акрам. Иқбол дар роҳи Мавлавӣ . Лоҳур, 1982.- 270 с.
9. Салим Ахтар. Таърихи мухтасари адабиёти урду, Нашри ҳаштум. Лоҳур, 2007.- 718 с.
10. Холид Назири Сӯфӣ . Иқбол дар хона. Ҷилди I, Лоҳур, 2008- 356 с.
11. Ҷовид Иқбол. Зиндарӯд. Лоҳур, 2008.- 752 с. Бо тасвирҳо 800 с.

**РАДЖАБОВ Х.**

## ЕЩЕ РАЗ О ПРОБЛЕМЕ ГОДА РОЖДЕНИЯ МУХАММАДА ИКБАЛА

Хотя прошло 76 лет со дня смерти (1938) выдающегося поэта и мыслителя Востока Мухаммада Икбала, однако все еще не прекращаются споры исследователей вокруг проблемы года его рождения. В семидесятые годы прошлого века, в связи с приближением 100 летия со дня рождения поэта, на основании весьма убедительных фактов, было установлено, что Икбал родился 9 ноября 1877 года. Тогда казалось, в этом вопросе поставлена точка. Подтверждением тому – празднование векового юбилея поэта в 1977 году в Индии, Пакистане, Советском Союзе и других странах мира. Однако даже после этого в научных статьях и отдельных книгах по прежнему называются разные даты года рождения Икбала. В данной статье сделана попытка подтверждения того факта, что Мухаммад Икбал родился именно 9 ноября 1877 года.

**Клюевые слова:** Мухаммад Икбал, год рождения, Джавид Икбал, Зиндаруд, исследователи, история, литература, урду, спорный, дома, избраные, Пакистан.

**RAJABOV H.**

## ONCE AGAIN REGARDING MUHAMMAD IQBAL’S YEAR OF BIRTH

Although 76 years has passed since the date of death (1938) of an outstanding poet and philosopher of East Muhammad Iqbal, but debates around the year of birth are still continuing. In the seventies of the last century, with the approach of $100^{th}$ anniversary of his birth, on the basis of very convincing evidences, it was found that Iqbal was born on November 9, 1877 . Then it seemed that this issue comes to the end. Confirmation of this celebration of the centenary of the poet in 1977 in India, Pakistan, the Soviet Union and other countries. However, even after this in scientific articles and some books still called different dates in respect of the year of birth of Iqbal . This article attempts to confirm the fact that Muhammad Iqbal was born exactly 9 November 1877.

**Key words:** Muhammad Iqbal, year of birthy, Javid Iqbal, Zindarud, researchers, history, urdu, literature, controversial, Iqbal, home, collection, Pakistan.